**Тақриз**

**ба автореферати Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар мавзуи “Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси “Ёддоштҳо”- и Садриддин Айнӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ - таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Омӯзиш ва баррасии пешояндҳои забони тоҷикӣ, махсусан дар муқоиса бо забонҳои хеш, яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ маҳсуб меёбад, чунки барои таҳқиқи на танҳо таърихи забонҳои эронӣ, балки пажуҳиши хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ судманду боарзиш арзёбӣ мешавад.

Пешояндҳои забони тоҷикӣ дар забоншиносии муқоисавӣ, бавижа бо забонҳои хеш ба таври мукаммал омӯхта нашудааст.

Ба ҳамин хотир, муҳаққиқ пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисиро дар пояи маводи “Ёддоштҳо” - и С. Айнӣ ба риштаи пажуҳиш кашидааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он инъикос меёбад, ки дар забоншиносии тоҷик бори нахуст хусусиятҳои дастурии пешояндҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз ҷониби муҳаққиқ ба сифати як диссертатсия мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муҳаққиқ пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракати забонҳои тоҷикӣ ва англисиро дар заминаи маводи “Ёддоштҳо” муқоиса намуда, умумияту фарқиятҳои онҳоро то ҷои имкон муайян кардааст.

Таҳқиқи қиёсии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ барои коркарди масъалаҳои амаливу назариявии ташаккули пешояндҳои ин забонҳо аҳамияти бузурги илмӣ дошта, ба омӯзиши муқоисавӣ - таърихии забонҳои муқоисашаванда мусоидат мекунад.

Аз мундариҷаи фишурда маълум мешавд, ки муҳаққиқ дар таҳқиқоти худ асосан ба маводи пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисии “Ёддоштҳо” - и С. Айнӣ такя намуда, вижагиҳои маъноӣ, грамматикӣ, умумият ва тафовутҳоро мавриди пажуҳиш қарор додааст.

Бояд гуфт, ки ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсия тариқи се боби он - “Асоси назариявии омӯзиши пешояндҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”, “Хусусиятҳои типологии пешояндҳои ифодакунандаи замон дар забонҳои

тоҷикӣ ва англисӣ” ва “Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” амалӣ гардидааст.

Ҳамин тавр, аз рӯйи фишурда ба натиҷае расидан мумкин аст, ки диссертатсияи Ашурмадов Қ.М. кори анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, ҳангоми мутолиаи автореферат чунин ба мушоҳида расид, ки баъзе камбудиҳову норасоиҳо роҳ ёфтааст:

1. Дар бархе аз мавридҳо мисолҳо бо забони тоҷикӣ оварда шуда, тарҷумаи англисии онҳо дода нашудааст (саҳ. 12,13,15,17).
2. Дар баъзе аз шоҳидҳо ҳамчун сарчашма ба С.Айнӣ ишора шуда, саҳифаи он нишон дода намешавад, ҳол он ки саҳифа хеле муҳим аст (саҳ. 15).
3. Ҷо - ҷо сарчашмаи мисолҳо ишора нашудааст (саҳ. 24,25).

Албатта, камбудиҳои ҷойдошта ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ қимати назариву амалии диссертатсияро халалдор намекунанд.

Бинобар ин, таҳқиқоти Ашурмадов Қиматалӣ дар мавзуи “Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва ангилисӣ (дар асоси “Ёддоштҳо”- и Садриддин Айнӣ)” кори анҷомёфта ба ҳисоб рафта, посухгӯ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муҳаққиқи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ - таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ аст.

**Мудири шуъбаи забони тоҷикии**
**Институти забон ва адабиёти**
**ба номи Рӯдакии АМИТ,**
**номзади илми филология** **Мирзоев Сайфиддин**

**Суроға: 174025 Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21**
**Тел: 227-27-52**
**Сайт: hh://anrt.tj**
**E-mail: sayf_yagnob@mail.ru**
**Тел: 919-80-38-20**

**Имзои С. Мирзоевро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои ИЗА ба номи**
**Рӯдакии АМИТ** **Ҳилола Нарзиқулова**